Тақриз

ба рисолаи номзадии Тағойназаров Амриддин Қутбидинович дар мавзӯи "Асосҳои назариявии таҳқиқи соҳибкории давлатӣ ва бахши давлатӣ дар шароити муосир" аз рӯи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ

Давлат ҳамчун субъекти асосии иқтисодӣ дар баробари дигар субъектҳои иқтисодӣ имрузҳо ба фаъолияти соҳибкорӣ низ машғул мегардад. Соҳибкории давлатӣ шакли фаъолияти сармоягузорӣ, истеҳсолӣ, хизматрасонӣ ва ғайраро дар бар мегирад, ки дар баробари гирифтани даромад инчунин вазифаи беҳсозии бахши ҷамъиятиро низ доро мебошад. Соҳибкории давлатӣ дар шароити муосир хеле муҳим арзёбӣ карда мешавад, зеро дар баробари гирифтани фойда давлат инчунин тавассути амалигардонии фаъолияти хизматрасонӣ, истеҳсолӣ ва ғайра масъалаҳои иҷтимоиро низ ҳал менамояд.

Дар муқаддимаи рисола мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, арзиши назариявию амалӣ, методолгӣ, навгониҳо ва зарурати татбиқи таҳқиқот майян карда шудааст.

Дар боби якуми рисола бо истифода аз адабиётҳои илмӣ ҷанбаҳои назариявии рушди бахши давлатӣ дар марҳилаи муосир бозгӯ шудааст. Аз ин лиҳоз, боби якум "Асосҳои назариявии рушди соҳибкории давлатӣ дар марҳилаи муосир" номгузорӣ карда шудааст. Омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии соҳибкории давлатӣ, шакли иштироки давлат дар фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин равишҳои консептуалии шарикии бахши давлат ва хусусӣ дар шароити муосир, мавриди баррасии муаллиф қарор гирифтааст.

Ба ақидаи муаллиф, сабаби иқтисодии иштироки давлат дар фаъолияти хоҷагидорӣ, дастгирии субъектҳои хоҷагидорӣ аз зарари эҳтимолии буҳронҳои иқтисодӣ ва молиявӣ мебошанд. Давлат бештар иштироки иқтисодияш барои бартарафсозии мушкилоти корхонаҳои калони истеҳсолӣ мебошад. Зеро ин корхонаҳо дар сурати муфлисшавиашон пасояндҳои иқтисодӣ-иҷтимоии зиёдеро ба миён оварда метавонанд. (24)

Боби дуюи рисола "Вазъи муосир ва рушди соҳибкории давлатӣ дар шароити муосир" номгузорӣ шуда, таҳлили вазъи соҳибкории давлатӣ, паҳлӯҳои институтсионалӣ, омилӣ ва иқтисодии фаъолияти соҳибкории давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро дарбар мегирад. Муаллиф таҳлили вазъи муосири соҳибкории давлаӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ таҳқиқ намуда, инчунин мавқеи соҳибкории давлатиро дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоии мамлакат нишон додааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки солҳои охир шумораи корхонаҳои давлатӣ коҳиш ёфта истодаанд, ки ба кам шудани ҳиссаи бахши давлатӣ дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ сабабгор мешавад. Дар шароити муосир давлат бояд дар баробари амали гардонидани сиёсати давлатӣ инчунин

як қатор вазифаҳои иқтисодӣ-иҷтимоиро низ бояд иҷро намояд. Муҳимтарин вазифаҳои давлат ин коркард, қабул, татбиқ ва мукамалгардонии санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ мебошад, ки барои ташаккулёбии асосҳои институтсионалии хоҷагии бозорӣ хизмат менамоянд. (94)

“Роҳҳои мукаммалгардонии рушди соҳибкории давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” боби сеюми рисола аст, ки дар он такмили самтҳои асосии фаъолияти соҳибкории давлатии кишварамон оварда шудааст. Роҳҳои баланд бардоштани самаранокии соҳибкории давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок пешниҳод шудааст.

Алгоритми афзунгардонии самаранокии фаъолияти бахши давлатӣ аз тарафи муаллиф пешниҳод гаштааст. Яке аз самтҳои баландбардоштани самаранокии фаъолияти бахши давлатӣ фармоиши давлатӣ мебошад. Фармоиши давлатӣ воситаи муҳими таъсиррасонӣ ба вазъи иқтисодии корхонаҳои давлатӣ баҳисоб меравад. (142)

Дар маҷмуъ рисолаи номзадии Тағойназаров Амриддин Қутбидинович дар мавзӯи “Асосҳои назариявии таҳқиқи соҳибкории давлатӣ ва бахши давлатӣ дар шароити муосир” кори ба анҷомрасида буда, ба меъёрҳои таълифи рисолаҳои номзадӣ ба пуррагӣ ҷавобгӯ мебошад ва барои пешниҳод дар ҳимоя дар Шурои диссертатсионии тахассусӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) тавсия дода мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
Мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ
Ва иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон Фозилхонов Д.О.

Имзои н.и.и., дотсент Фозилхонов Д.О.-ро тасдиқ менамоям

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон** Раҳимов А.А.

08.01.2025

**Суроға:**
734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, к.А.Навои 57, ҳ.19,
телефон (+992) 93 897 20 00
E-mail: fozilkhonov@mail.ru